**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Султонзода Соқӣ Аслон дар мавзӯи «Масъалаҳои материя ва атрибутҳои он дар фалсафаи Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Диссертатсияи доктории Султонзода Соқӣ Аслон ба яке аз масъалаҳои мубрами фалсафӣ - масъалаи материя ва атрибутҳои он бахшида шудааст. Дар муқаддима муаллиф тавонистааст, ки мубрамияти мавзӯи омӯхташавандаро дар якчанд банд, ҳам аз нуқтаи назари илми фалсафа, ҳам аз нуқтаи назари илми муосир ва ҳам аз нуқтаи назари худшиносии миллӣ асоснок намояд. Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ низ муаллиф бо тартиб, ба таври мушаххас дастовардҳои олимону донишмандони гузаштаю имрӯза ва ватанию хориҷиро оид ба масъалаҳои таҳқиқшуда мавриди баҳогузорӣ қарор додааст. Мақсаду вазифаҳо, навовариҳо ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешкашшаванда ҳам ба талаботҳои меъёрӣ ҷавобгӯянд.

Аз рӯйи маводи дар автореферат ҷойдошта маълум мегардад, ки муаллифи диссертатсия масъалаи омӯхташавандаро на фақат дар доираи таълимоти Ибни Сино, балки хеле васеътар ва ҳамаҷониба мавриди омӯзишу баррасии илмӣ қарор додааст. Муаллиф таърихи омӯзиши масъаларо ба назар гирифта, таълимоти гуногунро дар бораи материя дар мактабҳои Ҳинди Бостон, Эрони Бостон, Юнони Қадим, мактабҳои арабу эронии қабл ва пас аз аз Ибни Сино бо як низоми муайян таҳқиқ намудааст. Чунин тарзи таҳқиқ имкон медиҳад, ки қабл аз он, ки таълимоти худи Ибни Сино равшан гардад, нахуст заминаҳои ин таълимот кушода шуда, сипас масъалаҳои материя ва атрибутҳои он дар таълимоти Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Аз ҷиҳати муҳтаво боби нахустини рисола аз 3 зербоб иборат буда, асосан масъалаҳои омӯзиши материя ва атрибутҳои онро дар таълимоти Ҳинди Бостон, Юнони Қадим, Эрони Бостон ва таълимоти исломӣ қабл аз Ибни Сино фаро мегирад.

Бобҳои 2-юм ва 3-юми рисола, ки ҳар яке аз 3 зербоб иборатанд, ба ошкор намудани моҳияти таълимоти Ибни Сино дар бораи материя ва атрибутҳои он бахшида шуда, аз баррасии хеле муфассали масъалаҳои зикршуда шаҳодат медиҳанд. Хусусан омӯзиши материя ва шаклҳои он дар таълимоти Ибни Сино, танқиди атомизми Демокрит, масъалаҳои абадияту беканорагии материя ва олам, таносуби материяи зинда ва ғайризинда, таълимоти Ибни Сино оид ба ҳаракат ҳамчун атрибути материя, масъалаҳои макону замон, таълимот дар бораи олам, робитаи материя бо артибутҳои худ ва ғайра дар автореферат мухтасаран нишон дода шудаанд, вале маводи он нишон медиҳад, ки дар рисола масъалаҳои мазкур хеле муфассалу муназзам таҳқиқ гардидаанд.

Боби 4-уми рисола ба масоили муборизаҳо дар атрофи таълимоти Ибни Сино роҷеъ ба материя ва атрибутҳои он бахшида шуда, аз 3 зербоб иборат аст. Зербобҳои боби мазкур ба баррасии таълимоти Ибни Сино оид ба материя ва атрибутҳои он дар фалсафаи шарқию ғарбӣ ва таълимоти худи Ибни Сино дар партави фалсафаи муосир бахшида шудаанд.

Хулосаҳои рисола низ дар 12 банд мазмуну муҳтавои рисоларо пурра ифода менамоянд. Дар рисола аз методҳои таҳқиқотии таҳлил, муқоиса, усулҳои герменевтикӣ ва ғайра истифода гардидааст. Рӯйхати интишороти муаллиф ба мавзӯи рисола комилан мутобиқат доранд.

Дар асоси маводи дар автореферат дарҷгардида метавон хулоса намуд, ки рисолаи диссертатсионии Султонзода С.А. кори навоварона, мукаммал, мустақил ва касбӣ буда, дар он мавзӯи хеле мураккаби илмӣ баррасӣ шудааст ва барои рушди илми таърихи фалсафа аҳамиятнок мебошад. Автореферати кори диссертатсионӣ мантиқан дуруст таҳия гардида, сохтори мушаххас дорад ва донишҳои назарраси илмӣ-фалсафиро дар бар гирифта, аз сатҳи баланди дониши фалсафии муаллиф дарак медиҳад.

Матни автореферати диссертатияи С. Султонзода ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони русӣ сифатан хуб таҳия гардида, муаллиф нуктаи назари

худро ба таври мухтасар оид ба муҳтавои диссертатсия мустақилона баён намудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати рисолаи диссертатсионии С.А. Султонзода дар мавзӯи «Масъалаҳои материя ва атрибутҳои он дар фалсафаи Ибни Сино» бо мазмуну мундариҷа, мукаммалӣ, мантиқият, асосҳои назариявию натиҷаҳои амалӣ ба тамоми талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

**Директори**
**Маркази тадқиқоти стратегии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Х.М. Зиёӣ**

**Имзои доктори илмҳои фалсафа, профессор Х.М. Зиёиро тасдиқ менамоям:**

**Мудири шуъбаи кадрҳои**
**Маркази тадқиқоти стратегии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З. Шодиева**